**Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**




# Ҳисобот оид ба
# иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
# дар соли 2024

**Душанбе 2025**

**Мундарича**:


1. Вазъи макроиқтисодӣ
2. Иҷрои даромади буҷети давлатӣ
3. Иҷрои хароҷоти буҷети давлатӣ
4. Вазъи идоракунии қарзи давлатӣ
5. Лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ бо ҷалби захираҳои молиявии беруна

## *1. Иҷрои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ дар соли 2024*

Мутобиқи маълумоти расмии оморӣ дар моҳҳои январ-декабри соли 2024 ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 153402,2 млн сомонӣ баробар гардида, суръати рушд 8,2 фоизро ташкил дод.

Рушд дар моҳҳои январ-декабри соли 2024 асосан аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 20,0 фоиз, гардиши бор 15,7 фоиз, гардиши мусофирон 16,3 фоиз, кишоварзӣ 10,6 фоиз, сохтмон 8,4 фоиз, гардиши савдо 13,6 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ 13,0 фоиз таъмин гардид.

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ ба 8955,0 млн доллари амрикоӣ баробар гардид, ки дар қиёс бо моҳҳои январ-декабри соли 2023 дар ҳаҷми 626,1 млн доллари амрикоӣ ё 7,5 фоиз зиёд мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷумҳурӣ ба маблағи 1947,4 млн доллари амрикоӣ молу маҳсулот содирот карда шудааст ва ҳиссаи он дар гардиши савдои хориҷӣ 21,7 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, ба ҷумҳурӣ ба маблағи 7007,6 млн доллари амрикоӣ молу маҳсулот ворид шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи ҳисоботии соли 2023 ба маблағи 1127,5 млн доллари амрикоӣ ё ба андозаи 19,2 фоиз зиёд мебошад. Ҳиссаи воридот дар гардиши савдои хориҷӣ 78,3 фоизро ташкил медиҳад.

Сатҳи таваррум (индекси нархҳои истеъмолӣ) дар моҳҳои январ-декабри соли ҳисоботӣ 3,6 фоизро ташкил намуд.

Вазъи **нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Иҷро** | |
|---|---|---|
| | **2023** | **2024** |
| Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (млн сомонӣ) | 130 791,5 | 153 402,2 |
| Афзоиши ММД-и номиналӣ (% нисбат ба соли гузашта) | 129,9 | 117,3 |
| Афзоиши ММД-и реалӣ (% нисбат ба соли гузашта) | 108,3 | 108,4 |
| Индекс-дефлятори ММД | 104,3 | 108,2 |
| Сатҳи таваррум (бо фоиз) | 3,8 | 3,6 |
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ) | 12 822,7 | 14 699,3 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо % нисбат ба соли гузашта) | 112,0 | 120,0 |
| Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ (бо % нисбат ба соли гузашта) | 109,0, | 110,6 |
| Ҳаҷми боркашонӣ тавассути ҳамаи намудҳои нақлиёт (бо % нисбат ба соли гузашта) | 116,6 | 111,5 |

| | | |
|---|---|---|
| Мусофиркашонӣ тавассути ҳамаи намуди нақлиёт (бо % нисбат ба соли гузашта) | 109,8 | 113,4 |
| Ҳаҷми умумии гардиши савдои дохилӣ (бо % нисбат ба соли гузашта) | 113,4 | 113,6 |
| Ҳаҷми умумии хизматрасонии пулакӣ (бо % нисбат ба соли гузашта) | 114,1 | 113,0 |
| Гардиши савдои хориҷӣ (бо % нисбат ба соли гузашта) | 113,9 | 107,5 |
| Сохтмон (бо % нисбат ба соли гузашта) | 122,5 | 108,4 |
| Неруи барқ (млн кВт/с) | 21 860,5 | 22 475,7 |
| Ангишт (ҳаз. т.) | 2 084,2 | 2 691,3 |
| Алюминийи аввалия (ҳаз. т.) | | 102,9 |
| Семент (ҳаз. т.) | 4 455,6 | 4 622,1 |
| Нахи пахта (ҳаз. т.) | 127,4 | 141,3 |
| Маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаҳои маблағгузорӣ (млн сомонӣ) | 19 859,0 | 19 586,0 |
| | | |

## 2. Иҷрои қисми даромади Буҷети давлатӣ

Бо дар назардошти тамоюли мусбии рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатӣ дар соли 2024 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои даромад дар сатҳи 104,4 фоиз иҷро гардида, ҳаҷми он 46,6 млрд сомониро ташкил дод, ки нисбат ба нақшаи тасдиқшуда ба маблағи 3,4 млрд сомонӣ ё 8,0 фоиз зиёд мебошад.

Иҷрои нақшаи даромади дохилӣ аз ҷониби Кумитаи андоз дар сатҳи 105,3 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 20,4 млрд сомонӣ ворид карда шуд. Дар давраи ҳисоботӣ воридоти маблағҳо аз ҳисоби фаъолияти Хадамоти гумрук дар сатҳи 106,8 фоизи нақша таъмин карда шуда, ба буҷет 9,8 млрд сомонӣ ворид гардид.

Ҳамзамон дар соли ҳисоботӣ нақшаи даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби андози иҷтимоии корхонаҳои ғайрибуҷетӣ дар сатҳи 108,2 фоиз таъмин гардида, воридоти маблағҳо 2,6 млрд сомониро ташкил дод. Инчунин, ба буҷети суғурати иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби ташкилотҳои буҷетӣ 2,1 млрд сомонӣ интиқол дода шудааст.

Дар соли 2024 барзиёдии воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ нисбат ба нақшаи тасдиқшуда 3,5 млрд сомониро ташкил медиҳад. Омилҳои мусоидаткунандаи натиҷаҳои болозикр ин татбиқи ислоҳоти зерин ба шумор меравад, аз ҷумла:

Қабул ва татбиқи Барномаи миёнамуҳлати даромадҳои давлатӣ, ки дар доираи он як қатор тадбирҳои мушаххас, аз ҷумла дар самти маъмуконии пардохтҳои андозию гумрукӣ, бозбинӣ гардидани имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва мусоидати ҳамаҷониба ба рушди соҳибкорӣ амалӣ карда шуданд.

Дар баробари ин, рақамикунонии хизматрасониҳои андозӣ мавриди татбиқ қарор дорад, ки он барои бақайдгирии электронии амалиётҳо, пешниҳоди ҳисоботҳои андозӣ ва пардохти электронӣ ҳамаҷониба мусоидат намуда, ҷараёни ҷамъоварии андозро шаффоф ва осон гардонид.

Ҳамзамон, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар суръатбахшии ҷараёни гардиши воситаҳои пулӣ, шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, кам намудани ҳаҷми пули нақд дар муомилот, инчунин ба содагардонии раванди пардохтҳо мусоидат намуда истодаанд.

Тибқи маълумоти марказ ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар моҳҳои январ - декабри соли 2024 аз ҳисоби маблағҳои ҷалбгардида ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ 7,8 млрд сомонӣ аз худ гардидааст, ки аз он 5,6 млрд сомонӣ маблағҳои грантӣ ва 2,2 млрд сомонӣ маблағҳои қарзӣ мебошанд. Инчунин, дар давраи ҳисоботӣ ба суратҳисоби махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ аз ҳисоби хизматрасониҳои пулакӣ 3,6 млрд сомонӣ ворид шудааст.

Иҷрои нақшаи даромади буҷети ҷумҳуриявӣ дар соли 2024 дар маҷмӯъ 109,3 фоиз таъмин гардида, воридоти маблағҳо 22,3 млрд сомониро ташкил дод.

Нақшаи даромади буҷетҳои маҳаллӣ дар соли ҳисоботӣ дар сатҳи 106,4 фоиз таъмин гардида, ба буҷет маблағи 10,4 млрд сомонӣ ворид гардид.

## 3. Иҷрои қисми хароҷоти буҷети давлатӣ

Хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли 2024 ҷиҳати иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои қабулнамудаи Ҳукумати ҷумҳурӣ, таъмини пурраи уҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, хизматрасонии қарзи беруна ва созмонҳои байналмилалӣ амалӣ карда шуд.

Дар ин робита, ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ зиёда аз 45,4 млрд сомонӣ, аз ҷумла барои соҳаҳои ҳокимият ва идоракунии давлатӣ 2,6 млрд сомонӣ, маориф 8,7 млрд сомонӣ, тандурустӣ 3,7 млрд сомонӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 5,9 млрд сомонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ 2,5 млрд сомонӣ, фарҳанг ва варзиш 2,4 млрд сомонӣ, комплекси сӯзишворию энергетикӣ 7,1 млрд сомонӣ, кишоварзӣ 1,1 млдр сомонӣ, сохтмон ва саноат 354,6 млн сомонӣ, нақлиёт ва коммуникатсия 3,0 млрд сомонӣ равона гардид.

Барои маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ 20795,0 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 17171,4 млн сомонӣ, аз ҳисоби

маблағҳои махсус 2221,5 млн сомонӣ ва аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 1402,2 млн сомонӣ равона гардидааст. Дар соли ҳисоботӣ хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ 45,8 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Аз маблағҳои ба соҳаҳои иҷтимоӣ равонагардида (20795,0 млн сомонӣ) 42,0 фоиз ба соҳаи маориф, (8740,7 млн сомонӣ) 17,9 фоиз ба соҳаи тандурустӣ, (3729,6 млн сомонӣ) 28,5 фоиз ба соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ва (5934,6 млн сомонӣ) 11,5 фоиз ба соҳаи фарҳанг ва варзиш (2390,2 млн сомонӣ) рост меояд.

Маблағҳои мазкур пеш аз ҳама барои таъмини пурраи уҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, супоришҳои Ҳукумати кишвар, мустаҳкам намудани базаи моддию техникии ташкилотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба аҳолӣ равона карда шудаанд.

Маблағгузории соҳаи маориф дар соли 2024 аз рӯйи афзалиятҳои соҳа амалӣ карда шуданд. Дар соли ҳисоботӣ барои рушди соҳаи маориф аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 8740,7 млн сомонӣ равона карда шуд. Ҳамзамон, ҳаҷми умумии маблағҳои азхудгардидаи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ барои рушди соҳаи маориф 574,9 млн сомониро ташкил дода, аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ бошад ба соҳаи мазкур 6572,1 млн сомонӣ равона гардидааст.

Маблағгузории соҳаи маориф дар соли ҳисоботӣ аз рӯйи афзалиятҳои соҳа, аз ҷумла барои беҳтар намудани базаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ амалӣ карда шудааст.

Аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ барои соҳаи маориф 1712,2 млн сомонӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (яъне мактаб-интернатҳо, мактабҳо ва литсейҳои Президентӣ барои хонандагони болаёкат) 348,2 млн сомонӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ 139,6 млн сомонӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ 131,9 млн сомонӣ, таҳсилоти олии касбӣ 760,3 млн сомонӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ 329,1 млн сомонӣ равона гардидааст.

Бояд қайд кард, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ барои амалисозии барномаҳои давлатии соҳаи маориф дар соли ҳисоботӣ зиёда аз 38,7 млн сомонӣ, аз ҷумла «Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025» 18,8 млн сомонӣ, «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025» 1,5 млн сомонӣ, «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» 3,6 млн сомонӣ, «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» 2,1 млн сомонӣ, «Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025» 2,2 млн сомонӣ, «Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021-2025» 1,1 млн сомонӣ, «Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» 580,0 ҳазор сомонӣ, «Барномаи давлатии рушд ва таҳкими заминаи илмию таҷрибавии АМИТ барои солҳои 2023-2027» 1,5 млн сомонӣ, «Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028» 4,0 млн сомонӣ ва «Стратегияи рушди муассисаи давлатии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» 3,3 млн сомонӣ равона гардидааст.

Дар ҷумҳурӣ 562 муассисаи давлатии таҳсилоти томактабӣ ва 3830 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ фаъолият намуда, дар онҳо 91772 нафар кӯдак ва 2201438 нафар хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст. Ҳамзамон, ҷиҳати интихоб ва ба хориҷи кишвар барои таҳсил фиристонидани беҳтарин хонандагон, донишҷӯён ва олимони ҷавону умедбахш дар соли 2024 маблағи 20,0 млн сомонӣ ва ба Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и Вазорати маориф ва илм 88,8 млн сомонӣ ҷудо гардид.

Дар соли 2024 маблағгузории соҳаи тандурустӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб меёбад тибқи нақшаи тасдиқшуда бо мақсади маблағгузории саривақтӣ ва сифатноки афзалиятҳои соҳа, таъмин намудани хароҷоти фаъолият ва нигоҳдории муассисаҳои табобатию профилактикӣ, инчунин ҷиҳати мустаҳкам намудани базаи моддию техникии онҳо равона шудааст.

Дар соли ҳисоботӣ барои соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 3729,6 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 2822,7 млн сомонӣ, аз ҳисоби маблағҳои махсус 378,6 млн сомонӣ ва аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 528,3 млн сомонӣ таъмин карда шуд.

Аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар соли 2024 барои маблағгузории соҳаи тандурустӣ маҷмӯан 542,4 млн сомонӣ равона гардид. Аз ҳаҷми умумии маблағи мазкур барои маблағгузории беморхонаҳо 298,6 млн сомонӣ, марказҳои саломатӣ 10,9 млн сомонӣ, муассисаҳои ҳифзи саломатии аҳолӣ 94,7 млн сомонӣ ва фаъолияти дигари муассисаҳо дар соҳаи тандурустӣ 138,2 млн сомонӣ рост меояд.

Ҳамасола аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ барои харидории доруворихои дорои таъйиноти мушаххас ва таъмини гӯруҳҳои муйяни аҳолӣ бо чунин доруворихо, харидорӣ намудани таҷҳизоти тиббию иҷтимоӣ, таъмири муассисаҳои соҳаи тандурустӣ, инчунин дигар хароҷотҳои муайян дар чорабиниҳои марказонидашудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ маблағҳои зарурӣ пешбинӣ мегарданд. Бо ин мақсад дар соли 2024 маблағи 51,9 млн сомонӣ равона карда шудааст.

Дар ҳисоби маблағи мазкур барои харидорӣ намудани доруворихо вобаста ба ивазкунандагони узв ва бофтаҳои инсон 5,7 млн сомонӣ, ҷувзҳои хун 1,1 млн

сомонӣ, бемории диабети қанд 5,5 млн сомонӣ, бемории сил 2,7 млн сомонӣ, беморони мубталои бемории гемофиля 1,0 млн сомонӣ, гепатитии музмини ВС 1,5 млн сомонӣ, барои гузаронидани диалези хун 1,0 млн сомонӣ, маводҳои протезӣ 500,0 ҳазор сомонӣ, мошину таҷҳизоти тиббӣ 12,4 млн сомонӣ, таъмири муассисаҳо 5,7 млн сомониро дар бар мегирад. Дар маҷмӯъ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои рушди соли ҳисоботӣ маблағи 542,4 млн сомонӣ равона карда шудааст.

Инчунин, аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2024 барои соҳаи мазкур 2838,5 млн сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст, ки аз он барои фаъолият ва нигоҳдории беморхонаҳо 1516,3 млн сомонӣ, марказҳои саломатӣ 101,2 млн сомонӣ, муассисаҳои ҳифзи саломатии аҳолӣ 194,6 млн сомонӣ, фаъолияти дигари муассисаҳо дар соҳаи тандурустӣ 61,5 млн сомонӣ ва муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС) 964,7 млн сомониро ташкил медиҳад. Дар соли ҳисоботӣ маблағҳои равонашудаи соҳаи тандурустӣ дар таркиби хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ 17,9 фоиз ва хароҷоти умумии буҷети давлатӣ 8,2 фоизро ташкил медиҳад.

Маблағгузории соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ бо дар назардошти буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ба андозаи 98,2 фоиз таъмин гардида, дар соли 2024 ба ин мақсад 5934,6 млн сомонӣ равона карда шудааст.

Барои нигоҳдорӣ ва фаъолияти муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла хона-интернат барои кудакон, хона-интернат барои калонсолон (касалиҳои руҳӣ), хона-интернат барои пиронсолон, литсейи махсуси маъюбон, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳо 140,5 млн сомонӣ равона карда шудааст, ки ба 2830 нафар маъюб ва пиронсолон ба нигоҳубини доимӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар соли ҳисоботӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ» барои расонидани кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат 198,1 млн сомонӣ равона карда шудааст, ки 268,5 ҳазор оилаи камбизоатро дар бар мегирад.

Бо мақсади пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои пиронсолон ва кӯдакони имконияташон маҳдуд ҷиҳати таъмини рушду инкишофи малакаи иҷтимоӣ ва таъмини ҳаёти арзанда барои онҳо, омӯзиши фаъолияти мустақилона, инчунин бо волидайни онҳо гузаронидани омӯзиши хусусиятҳои махсуси тарбиявӣ, марказҳои будубоши рӯзона кору фаъолият менамоянд.

Айни ҳол дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 58 адад маркази будубоши рӯзона, аз ҷумла 50 марказ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд, 2 марказ барои пиронсолон ва маъюбон, 2 марказ барои шаҳрвандони дар вазъияти душвори ҳаёт қарордошта, 2 марказ барои дастгирии шахсони бо ВНМО зиндагикунанда,

1 марказ барои гирифторони беморони сил ва 1 марказ барои беморони нигоҳубини паллиативӣ эҳтиёҷдошта фаъолият менамоянд, ки барои пардохти ҳаққи хизматрасонии онҳо дар соли ҳисоботӣ 17,3 млн сомонии он равона гардидааст, ки аз он ҳисоб 8239 нафар хизматрасонӣ карда шудааст.

Инчунин, дар ин давра бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №232 ба кӯдакони маъюби то сини 16-солаи гирифтори бемории вируси норасоии масунияти одам, аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ кумакпулӣ, ки андозаи он (7 нишондиҳанда барои ҳисобҳо) 504 сомониро дар як моҳ ташкил медиҳад ба маблағи 4,7 млн сомонӣ равона гардидааст.

Барои додани қарзи имтиёзнок ба муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ дар маҷмуъ 3404,7 ҳазор сомонӣ равона карда шудааст, ки 313 хоҷагии муҳоҷирони экологӣ ва дохилиро фаро гирифта аст. Аз ҷумла, барои пардохти қарзи имтиёзнок 1566,0 ҳазор сомонӣ, барои интиқоли молу амволи муҳоҷирони дохилӣ 1800,0 ҳазор сомонӣ ва барои ҷубронпулии якваҷтаина 38,7 ҳазор сомонӣ равона карда шудааст.

Дар баробари ин, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати неругоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд» ба шахсони зарардидаи маъюбшуда ва кӯдакони маъюби онҳо дар маҷмуъ ба 5222 нафар ҷубронпулӣ пардохт карда шудааст.

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» барои таъмини маъюбон бо таҷҳизотҳои протезию ортопедӣ 11959,4 ҳазор сомонӣ равона гардидааст, ки дар доираи маблағҳои мазкур ба 15038 нафар маъюб хизматрасонӣ карда шудааст.

Таркиби низоми буҷети давлатӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ иборат мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа фонди мақсадноки давлатӣ ба шумор рафта, ба буҷети он дар соли 2024 маблағи 4914,7 млн сомонӣ ворид гардидаст.

Хароҷоти буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар соли 2024 ба маблағи 4667,6 млн сомонӣ таъмин гардидааст. Дар доираи маблағҳои ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа воридгардида барои пардохти нафақа 4237,3 млн сомонӣ, кумакпулиҳо 384,2 млн сомонӣ, барои нигоҳдорӣ ва дигар хароҷотҳои Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 46,1 млн сомонӣ равона карда шудааст.

Инчунин, аз ҳисоби буҷети давлатӣ «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ» амалӣ шуда истодааст, ки он тадбирҳоро оид ба таъсис додани ҷойҳои кории нав, миёнаравӣ дар бозори меҳнат, рушди касбии захираҳои меҳнатӣ, дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии ба ватан бозгашта, мусоидат ба шуғли занон ва ҷавонон, рушди соҳибкории инфиродӣ ва таъмини кафолатҳои давлатии иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ дар бар гирифта дар ин давра ҷиҳати амалӣ намудани он

маблағи 38,1 млн сомонӣ равона гардидааст, ки ин ба 91,4 фоизи нақша баробар мебошад.

Дар баробари ин аз ҳисоби маблағҳои мазкур барои пардохти кӯмакпули дар давраи бекории шаҳрвандон 23,4 млн сомонӣ ба 18377 нафар равона карда шудааст.

Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдорӣ ва фаъолияти муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва варзиш зиёда аз 2390,2 млн сомонӣ ва аз ҳисоби маблағҳои махсус 197,8 млн сомонӣ равона гардидааст.

Инчунин, ҳаҷми умумии маблағҳои азхудгардидаи лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ барои рушди соҳаи фарҳанг ва варзиш 299,0 млн сомониро ташкил медиҳад. Барои муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва варзиши буҷетҳои маҳаллӣ 613,8 млн сомонӣ равона гардидааст.

Аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳурияӣ барои соҳаи фарҳанг ва варзиш 1429,0 млн сомонӣ (99,7 фоиз), аз ҷумла чорабиниҳо оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (яъне чорабиниҳои варзишӣ) 13,7 млн сомонӣ, муассисаҳо ва чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ, аз ҷумла китобхонаҳо, осорхонаҳо, намоишгоҳҳо, муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ва дилхушӣ ва муҳофизати ёдгориҳои таърихӣ 160,1 млн сомонӣ, воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла телевизион ва радиошунавонӣ ва матбуоти даврию нашриявӣ 292,4 млн сомонӣ, фаъолияти дигар дар соҳаи фарҳанг ва варзиш 962,8 млн сомонӣ равона гардидааст.

Маблағгузории барномаҳои давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ва варзиш дар ҳаҷми зиёда аз 34,3 млн сомонӣ, аз ҷумла «Барномаи рушди китобхонаи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027» 2,5 млн сомонӣ, «Барномаи рушди кинои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» 7,0 млн сомонӣ, «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2021-2025» 7,7 млн сомонӣ, «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» 2,2 млн сомонӣ, «Барномаи давлатии ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангии халқи тоҷик барои солҳои 2021-2025» 1,2 млн сомонӣ, «Барномаи давлатии рушди соҳаи табъу нашрӣ ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» 4,7 млн сомонӣ, «Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2024» 3,8 млн сомонӣ, «Барномаи рушди телевизион ва радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солщои 2021-2025» 5,0 млн сомонӣ, «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» 176,7 ҳазор сомонӣ, «Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» 2,9 млн сомонӣ «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» 9,6 млн сомонӣ, «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» 3,3 млн

сомонӣ, «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» 4,0 млн сомонӣ, «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2023-2030» 398,2 ҳазор сомонӣ, «Стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи 2030» 5,4 млн сомонӣ ва «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» 152,9 ҳазор сомонӣ равона шудааст.

Тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузор гардидани озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон-Ватани азизи ман» маблағи 3,8 млн сомонӣ, барои баргузор гардидани озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» маблағи 4,6 млн сомонӣ ва барои баргузор гардидани озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фуруғи маърифат» маблағи 4,1 млн сомонӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шудааст.

Дар соли 2024 барои маблағгузории соҳаҳои воқеии иқтисодиёт аз рӯйи ҳамаи сарчашмаҳои буҷетӣ 14068,0 млн сомонӣ равона шудааст, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 7558,6 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 353,2 млн сомонӣ ва лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 6156,3 млн сомонӣ.

Маблағгузории хоҷагии манзилию коммуналӣ, ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангал асосан барои корҳои ободонӣ, нигоҳдории ҳифзи муҳити зист, назорати истифодаи захираҳои олами набототу ҳайвонот ва дигар фаъолияти марбут ба соҳа равона гардидааст. Дар давраи ҳисоботӣ маблағгузории соҳаи мазкур аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 1637,4 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 188,2 млн сомонӣ ва лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар ҳаҷми 674,4 млн сомонӣ таъмин шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ ба соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ аз ҳамаи сарчашмаҳои буҷетӣ 7101,4 млн сомонӣ равона гардид.

Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳаҳои кишоварзӣ ин беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, зиёд намудани майдонҳои кишт ва муҳофизати боғу токпарварӣ, барқарор намудани заминҳои нави обёришаванда ва кадастри замин ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад дар давраи ҳисоботӣ ба соҳаи мазкур аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 277,6 млн сомонӣ, маблағҳои махсус 92,3 млн сомонӣ ва лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 717,5 млн сомонӣ равона шудааст.

Дар соли ҳисоботӣ барои соҳаҳои саноату сохтмон 354,6 млн сомонӣ ва нақлиёт ва коммуникатсия 3025,0 млн сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст.

## 4. Вазъи идоракунии қарзи давлатӣ

Ҳаҷми умумии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2025 маблағи 3,6 млрд доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки ин ба 25,2

фоизи ММД баробар мебошад (ба ҳолати 1 январи соли 2024 – 30,2 фоизи ММД). Аз ҷумла, 3,2 млрд доллар (89 фоиз) қарзи беруна ва 0,4 млрд доллар (11 фоиз) қарзи дохилӣ. Дар соли 2024 барои хизматрасонии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 299,2 млн доллар пардохт гардидааст, ки аз он пардохти қарзи асосӣ 204,3 млн доллар ва фоизи қарз 94,9 млн долларро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми умумии хизматрасонии қарзи дохилии давлатӣ бо назардошти қарзи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, векселҳои давлатӣ, векселҳои хазинадорӣ ва вомбаргҳои давлатии кутоҳмуҳлат ва миёнамуҳлат дар маҷмуъ ба маблағи 807,2 млн сомонӣ (пардохти қарзи асосӣ 720,3 млн сомонӣ ва фоиз 86,9 млн сомонӣ) таъмин гардид, аз ҷумла:

- аз ҳисоби хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ, барои пардохти қарзе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Бонки миллии Тоҷикистон ҷалб намудааст, дар маҷмуъ 124,3 млн сомонӣ, аз ин пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 110,1 млн сомонӣ ва пардохти фоиз ба маблағи 14,2 млн сомонӣ;
- иҷрои уҳдадориҳои векселҳои давлатӣ барои танзими 37 қарзҳои мушкилситони ҶСК «Агроинвестбонк» дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №178, пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 13,1 млн сомонӣ;
- иҷрои уҳдадории ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2016, №527, дар маҷмуъ 233,5 млн сомонӣ, аз ин пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 196,9 млн сомонӣ ва пардохти фоиз ба маблағи 36,6 млн сомонӣ;
- иҷрои уҳдадории ҶСК «Агроинвестбонк» дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2016, №527, дар маҷмуъ 149,6 млн сомонӣ, аз ин пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 125,5 млн сомонӣ ва пардохти фоиз ба маблағи 24,1 млн сомонӣ.

## 5. Лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ бо ҷалби захираҳои молиявии беруна

Дар соли ҳисоботии 2024 бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдори кишвар барои татбиқи 26 лоиҳаи нави сармоягузории давлатӣ бо риояи расмиёт бо шарикони рушд 36 созишномаи қарзию грантӣ ба маблағи умумии 1495,0 млн доллари амрикоӣ ба имзо расонида шуд.

Дар баробари ин, ҷиҳати амалисозии боз 7 лоиҳа, ки арзиши умумии онҳо 238,6 млн доллари амрикоиро ташкил медиҳад, гуфтушунидҳо бо созмонҳои маблағгузор идома дошта, ҳаҷми умумии маблағҳои дар соли 2024 ҷалбшуда бо дар назардошти ин 1733,7 млн доллари амрикоиро ташкил менамояд.

Аз ин маблағ 858,3 млн доллари амрикоӣ ё 49,5 фоиз маблағҳои грантӣ, 838,4 млн доллари амрикоӣ ё 48,4 фоиз маблағҳои қарзӣ (аз он 561,7 млн доллари амрикоӣ қарз барои сохтмони иншооти «НБО Роғун») ва 34,7 млн доллари амрикоӣ ё 2,0 фоизи он саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар самти маблағгузории идомаи корҳои сохтмонӣ дар иншооти «НБО Роғун» корбарӣ бо 12 ташкилоти байналмилалии молиявӣ оғоз гардида, ҷиҳати ҷалби маблағҳои қарзию грантӣ дар ҳаҷми беш аз 3,0 млрд доллари амрикоӣ бо маром идома дорад.

Дар ин муддат, созишномаҳои молиявӣ дар ҳаҷми зиёда аз 911,7 млн доллари амрикоӣ (561,7 млн доллари амрикоӣ қарз ва 350,0 млн доллари амрикоӣ грант) бо Бонки Умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Сармоягузории Инфрасохторӣ, Бонки Исломии Рушд, Фонди Саудии Рушд, Фонди ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ ва Фонди Кувайтии рушди иқтисодии Араб ба имзо расонида шудааст.

Илова бар ин, бо мақсади ҷалби қарзи давлатӣ аз Ҷумҳурии Италия дар ҳаҷмӣ 150,0 млн евро (164,0 млн доллар), Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ 550,0 млн доллари амрикоӣ, Фонди Рушди Абу Дабӣ 100,0 млн доллар ва маблағҳои грантӣ дар ҳаҷми 250,0 млн доллар аз Бонки Осиёии Рушд идома дорад.